«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика ва математика,
_________ дотсент Наҷмидинниён А.М.
23 ноябри соли 2022

# ХУЛОСАИ

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Иматзода Лутфия Маҳмадулло.

Палавонов Амоншо Муминович 15-уми феврали соли 1975 дар ноҳияи Ванҷи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таваллуд шудааст. Соли 1997 Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М. Назаршоевро аз рӯйи ихтисоси муаллими таърих ва ҷамъиятшиносӣ хатм намудааст.

Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1996 ба ҳайси омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14-и н. Ванҷ оғоз намуда, аз соли 2019 ба ҳайси омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқи Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе то инҷониб фаъолият менамояд.

Палавонов Амоншо Муминович солҳои 2020-2022 ба сифати унвонҷӯ дар бахши аспирантура ва докторантураи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ фаъолият карда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни Забони англисӣ - хуб, Таърих ва фалсафа - хуб ва Педагогика - ихтисосро бо баҳои аъло супоридааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва стратегияи рушди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф

ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ – методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст. (Суратҷаласаи шуъба аз 29. 04. 2022, №04).

Семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминовичро бо иштироки муқарризони расмӣ –доктори илмҳои педагогӣ, ходими пешбари ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Зиёзода Т.Н., номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Табаров Н.С. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Доктори илмҳои педагогӣ Зиёзода Т. аз ҷумла қайд намуд, ки объекти таҳқиқоти диссертатсия раванди тадбиқи пурраи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, яке аз масъалаҳои мубрам боқӣ мемонад. Инчунин, дотсент дар хусуси навгонии илмии диссертатсияи унвонҷӯ қайд намуд, ки он тадбиқи пурраи шаклҳои нави технологияҳои муосири инноватсионӣ тавсиф ва арзёбӣ шуда, методҳои нави тақвияти фаъолияти омӯзгорон, роҳу усулҳои истифода аз технологияҳои муосир дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик, дар асоси гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркард гардиданд.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия дар мавзӯи хусусиятҳои педагогии таълими таърихи халқи тоҷик бо истифода аз технологияҳои муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар таҳқиқоти илмӣ-педагогии ҷудогона мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи мазкур дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад доктор Зиёзода Т. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯро ба инобат гирифта, ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Номзади илмҳои педагогӣ дотсент Табаров Н.С. қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири таълим дар фаъолияти таълимию тарбиявии

муассисаҳои мазкур ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзӯи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Таҳқиқоти илмии Палавонов Амоншо Муминович имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷики хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда шавад. Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст шудааст.

Муқарриз Табаров Н.С. ибрози андеша намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди машғулиятҳои омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷики тамоми муассисаҳои таълимии кишвар истифода кард. Хулоса, диссертатсияи Палавонов А.М. барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти муҳокима ва хулосаҳои муқарризон - доктори илмҳои педагогӣ, ходими пешбари ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Зиёзода Т.Н., номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Табаров Н.С. ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, хулоса кард.

Таълими фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар рушди ҷаҳонбинӣ, инкишофи қобилияти ҷисмонӣ, масъалаи низомӣ ва иродаву матонат, баланд гардидани акси ватандорӣ ва ифтихори миллӣ ва омодагии хонандагон ба хизмати ҳарбӣ мусоидат карда, барои шиносоӣ ба таърихи тамаддуни миллӣ ва арзишҳои милливу умумибашарӣ имкон фароҳам меоварад.

Масъалае, ки унвонҷӯ мавриди таҳқиқ қарор додааст – баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ба талаботи замони муосир ва соҳаи маорифи кишвар ҷавобгӯ буда, болоравии нақши технологияҳои муосири педагогӣ дар боло бурдани сифати таълим ва тарбия яке аз проблемаҳои асосии педагогикаи муосир маҳсуб меёбад.

Вобаста ба ин, диссертант зимни таҳқиқоти худ масъалаи мазкурро мавриди озмоиши илмӣ қарор додааст. Хулосаву андешаҳояшро возеҳу равшан дар робита ба масъалаи мазкур баён кардааст, ки “Тавассути баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ роҳҳои мусоиди додани дониш, маҳорат ва малака,

шавқу рағбати хонандагон ташаккул ёфта, касбияти омӯзгор сайқал меёбад".

Муҳаққиқ мақсаду объект, предмет ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян карда, дар ин замина вазифаҳои зеринро анҷом додааст. Аз ҷумла,

- ба воситаи бурдани корҳои тадқиқотӣ-таҷрибавӣ афзалияти технологияҳои муосири инноватсионӣ нисбат ба усулҳои гузаштаи педагогӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакатро тасдиқ кардааст;
- низоми таҳсилоти ҳозираи ҷумҳурӣ вобаста ба корбурди технологияҳои муосири инноватсионии таълим дар дарси таърихи халқи тоҷикро таҳлил кардааст;
- хусусиятҳои гуногуни омӯзиш ҳангоми истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ дар бедор намудани шавқу рағбати хонандагонро муайян намудааст;
- вобаста ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мақоми омӯзгору хонанда ва ҳамкории мутақобилаи онҳоро дар ҷараёни таълим муқаррар кардааст;
- китобҳои дарсӣ, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо бо талаботи имрӯзаи илми педагогика вобаста ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсиониро мувофиқ кардааст.

Диссертант зимни иҷрои вазифа ва баргузории таҳқиқоти илмӣ ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст: Аз ҷумла,

1. Роҳ ва усулҳои мусоиди такмили маҳорат ва малакаи омӯзорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуд;
2. Усулу методҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик зимни истифодаи технологияҳои муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуданд;
3. Методҳои навтарин барои рушди фаъолияти инноватсионии омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик пешниҳод гардидаанд, ки истифодаи судманди онҳо сатҳ ва сифати таълимро боло хоҳанд кард;
4. Намуд ва шаклҳои нави технологияҳои муосири инноватсионӣ, роҳу усулҳои истифода аз онҳо, ки шавқу рағбати хонандагонро нисбати ҳам фанни таърих ва ҳам нисбати ин технологияҳо бедор мекунанд, нишон дода шуданд.
5. Бо гузаронидани корҳои таҷрибавӣ исбот карда шуд, ки истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба

усулҳои анъанавии гузашта сол то сол бартарии худро баръало нишон дода истодаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар коркард, таҳия ва пешниҳоди маводи мушаххас оид ба татбиқи болоравии самаранокии таълими таърихи халқи тоҷик бо истифода аз технологияҳои инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо назардошти мақсадгузорӣ барои дастёбӣ ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда ва маводи ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳо дар ин самт, ки дар раванди таълим вобаста ба амалӣ намудани муҳити муосири таълимию тарбиявӣ истифода мегарданд, ифода меёбад.

Таҳқиқоти илмии Палавонов Амоншо Мумиҳович имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаллу фасл карда шавад.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ қ а р о р к а р д:

1. Диссертатсияи илмии Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» кори илмии мустақилона бaанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» барои ҳимоя дар Шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.Ш. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии А ТТ аз 23 ноябри соли 2022, протоколи №05 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "Тарафдор" - 17 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Лутфуллоева П.

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ, ходими
пешбари Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи А.Ҷомии АТТ Зиёзода Т.Н.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи кафедраи психология ва
сотсиологияи идоракунии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Табаров Н.С.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ
котиби семинари илмӣ- методии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон Ҷонмаҳмадова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 126
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзои П. Лутфуллоева, Т.Н.Зиёзода, Н.С. Табаров ва
Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.